Тавзеҳнома
ба лоиҳаи Тартиби мувофиқа намудани аъзои шурои нозирони ташкилоти қарзии молиявӣ

Лоиҳаи Тартиби мувофиқа намудани аъзои шурои нозирони ташкилоти қарзии молиявӣ бо назардошти қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» ва «Дар бораи фаъолияти бонкии исломӣ» таҳия шуда, талабот ба аъзои шурои нозирони ташкилоти қарзии молиявӣ ва тартиби мувофиқа намудани онҳоро муқаррар менамояд.

Заминаи меъёрии ҳуқуқии лоиҳаи санади мазкурро қисми 9 моддаи 21 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» ва қисми 10 моддаи 24 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкии исломӣ» ташкил медиҳад.

Қайд карда мешавад, ки тибқи талаботи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти бонкӣ" ва "Дар бораи фаъолияти бонкии исломӣ" аъзои шурои нозирони ташкилоти қарзии молиявӣ, ба истиснои ташкилоти қарзии молиявии давлатӣ пас аз мувофиқа бо Бонки миллии Тоҷикистон аз ҷониби Маҷлиси умумии саҳмиядорон (иштирокчиён) қарзӣ интихоб карда мешаванд. Тартиби мувофиқа намудани аъзои шурои нозирони ташкилоти қарзии молиявӣ бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад.

Мақсади мувофиқа намудани аъзои шурои нозирони ташкилоти қарзии молиявӣ муайян кардани номзадҳо ҷиҳати ҷавобгӯ будани онҳо ба талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Қайд карда мешавад, ки низоми идоракунии корпоративӣ яке аз усулҳои муҳими идоракунии ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар алоҳидагӣ ва дар маҷмӯъ барои низоми бонкӣ ба ҳисоб меравад.

Вазифаи асосии идоракунии корпоративӣ тақсимоти дуруст ва самараноки уҳдадориҳои вазифавӣ байни ҳама иштирокчиён – саҳомон/иштирокчиён, аъзои шурои нозирон, аудит, назорати дохилӣ ва дигар иштирокчиён (кормандон, муштариён, қарздеҳон ва ташкилот) ба шумор рафта, барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ, таъмини рақобатпазирии онҳо ва қонеъ гардонидани манфиати тарафҳои вобаста истифода бурда мешавад.

Яке аз нақшҳои муҳими идоракунии корпоративӣ дар фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ ин баланд бардоштани боварии сармоягузорон ба ташкилотҳои қарзии молиявӣ буда, барои беҳтар

намудани фазои сармоягузорӣ ва ҷалби бештари сармоягузориҳо мусоидат мекунад.

Мутобиқ набудани талаботи идоракунии корпоративӣ ва риоя накардани онҳо дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ хавфҳои гуногунро ба вуҷуд оварда, метавонад ба манфиати амонатдорону қарздеҳон таҳдид намояд.

Таҷриба нишон медиҳад, ки яке аз сабабҳои ба мушкилоти молиявӣ дучор шудани ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва барҳамхӯрдани баъзеи онҳо ин дуруст ба роҳ намондани низоми идоракунии корпоративӣ, аз ҷумла таҷаммӯи ваколатҳо дар як мақомот, мавҷудияти барҳӯрди манфиатҳо, мавҷуд набудан ва ё фаъолият накардани шурои нозирон мебошад.

Бо назардошти ин ва ҷиҳати риоя гардидани низоми идоракунии корпоративӣ дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ, инчунин бо мақсади нигоҳдории суботи низоми бонкӣ, ҳимояи манфиатҳои пасандоздорон, қарздеҳон ва дорандагони суратҳисобҳои сармоягузорӣ, аз ҷумла сармоягузорон Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун мақоми танзиму назорат ва батанзимдарории ташкилотҳои қарзии молиявӣ лоиҳаи Тартиби мазкурро таҳия намудааст.

Инчунин, Тартиби номбурда бо мақсади анҷом додани корҳои зерин таҳия шудааст:

- пурзӯр намудани назорати бонкӣ ва устувории низоми бонкӣ;
- пешгирии интихоби шахсони ба талаботи қонунгузорӣ ҷавобгӯ набуда ба ҳайати аъзои шурои нозирони ташкилотҳои қарзии молиявӣ;
- дуруст ба роҳ мондани принсипҳои идоракунии корпоративӣ дар фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ;
- баланд бардоштани масъулияти аъзои шурои нозирони ташкилотҳои қарзии молиявӣ.

Бояд тазаккур дод, ки дар ҳамин санад талабот, ҳуҷҷатҳо, тартиби баррасии дархост барои мувофиқа намудани номзад ба аъзои шурои нозирон, намунаи ариза, маълумотнома, Огоҳинома дар барои интихоб/аз нав интихоб (қатъи фаъолияти/озод) намудани аъзои шурои нозирон ва Эъломияи хаттӣ оид ба шахси аз нигоҳи касбӣ босалоҳият ва боэътимод будани аъзои шурои нозирон пешбинӣ шудааст.

Ҳамзамон қайд карда мешавад, ки лоиҳаи Тартиби мазкур бо назардошти таклифу пешниҳодҳои воҳидҳои сохтории Бонки миллии Тоҷикистон таҳия гашта, дар он меъёрҳои қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон, таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ ва Бонки миллӣ дар ин самт ба назар гирифта шудааст.

Мутобиқи Тартиби гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии хусусияти умумиҳатмидоштаи вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва лоиҳаҳои онҳо, арзёбии дохилиидоравии зиддикоррупсионии лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июни соли 2014, №355 тасдиқ шудааст, лоиҳаи Тартиби мувофиқа намудани аъзои шурои нозирони ташкилоти қарзии молиявӣ барои гузаштан аз арзёбии дохилиидоравии зиддикоррупсионӣ ба воҳидҳои сохтории Бонки миллии Тоҷикистон пешниҳод гардида буд. Аз рӯи хулосаҳои аз ҷониби воҳидҳои сохтории дахлдор пешниҳодшуда дар лоиҳаи Тартиби мазкур омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия мушоҳида карда нашуд.

Муовини якуми раис Шарифзода Ф. Ҳ.